مجله «شرق سرخ»
شماره ۱
۱۹۵۸

# МАЛИКУШШУАРО БАҲОР

*Б. ЖОЛА*

Маликушшуаро Муҳаммадтақӣ Баҳор як шоири бузург, нависанда ва адиби тавоно, рӯзноманигори мутараққӣ, сулҳҷӯи боэътимод ва ходими намоёни ҷамъиятии Эрон ба шумор мерафт. Ӯ дар декабри соли 1886 дар шаҳри Машҳад ба дунъё омад.

Падари ӯ Муҳаммад Козим Сабурӣ шоири қасидасаро буд, ки бо фармони Носириддин шоҳи қоҷор лақаби маликушшуароӣ гирифта буд.

Баҳори ҷавон, ки истеъдоди шоириро аз падар ҳамчун мерос гирифта буд, забон ва адабиёти форсӣ ва арабиро назди устодони адаб биомӯхт ва ба зудӣ тавонист қариб 20 ҳазор байт шеъри шоирони классикро аз бар кунад.

Ӯ, ки дар мактаби ҳазорсола шеъри форсӣ парвариш ёфта буд, дар оғози ҷавонӣ он қадар шеърҳои баланд мегуфт, ки шунавандагон бовар намекарданд, ки ашъор аз ӯ бошад, ва мегуфтанд падараш ё каси дигар барои ӯ шеър мегӯяд ва барои санҷиш шоири ҷавонро ба мушоираҳои душвор даъват мекарданд. Масалан, вақте ба ӯ пешниҳод шуд, ки калимаҳои тасбеҳ, чароғ, намак ва чинорро фавран ба тарзи бадеҳа дар як рубоӣ ҷой диҳад, Баҳор баъд аз каме андеша чунин гуфт:

Бо хирқаю тасбеҳ маро дид чу ёр,
Гуфто зи чароғи зӯҳд н-ояд анвор.
Кас шаҳд надидааст дар кони намак,
Кас мева начидааст аз шохи чинор.

Бори дигар ба ӯ гуфтанд, ки рубоии дигаре бо ин калимаҳо бисозад: хурӯс, ангур, дурафш, санг. Баҳор фавран гуфт:

Бархост хурӯси субҳ, бархез, эй дӯст!
Хуни дили ангур фикан дар рагу пӯст!
Ишқи ману ту қиссаи мушт асту дурафш,
Ҷаври туву дил сӯҳбати санг асту сабӯст.

Баҳор дар мушоираҳо ҳамеша ғолиб мешуд ва ба эҳтироми мардум сазовор мегардид. Бо вуҷуди ин падари ӯ Сабурӣ намехост, ки писараш шоир шавад ва ҳамеша бо ӯ мухолифат карда мегуфт: дар [ӡ]аврони оянда бо шоирӣ касе наметавонад нон бихӯрад, бояд ягон [к]асби дигарро пеш гирӣ...

Аммо ин суханон натавонистанд оташи завқу истеъдоди Баҳорро хомӯш кунанд. Бинобар ин ӯ шоириро бо ҳамаи душворӣ ва нокомиҳояш аз савдогарӣ ё ягон касби дигар афзал донист. Муҳаммад Козим Сабурӣ дар соли 1903 вафот ёфт ва Баҳори 18-сола маҷбур шуд, ки сардории аҳли хонавода (модар, ду додар ва хоҳар)-ро ба ӯҳдаи худ гирад. Шоири ҷавони боистеъдод дере нагузашта дар байни шоирони мамлакат ном баровард ва мартабаи сарварӣ пайдо карда, бо фармони Музаффариддин-шоҳ соҳиби лақаби маликушшуаро гардид.

Маликушшуаро Баҳор дар инқилоби машруятият[1] (солҳои 1906—1911) дар пешопеши шуарои муборизи дигар, монанди Лоҳутӣ, Деххудо, Ашрафи Гелонӣ, Ориф, Ваҳиди Дастгурдӣ ва дигарон бо озодихоҳон дар муборизаи зидди истибдод ҳамкорӣ мекард.

Вай бо ашъори оташин, бо таснифҳои инқилобӣ ва бо нутқҳои таъсирбахши худ мардумро дар муборизаи зидди зулму истибдод мусаллаҳ мекард.

Дар соли 1908 Муҳаммадалӣ-шоҳи коҷор бо кӯмаки қувваҳои иртиҷоии дохилӣ ва хориҷӣ маҷлиси шӯрои миллиро ба зери тирҳои тӯп гирифт ва қисми зиёди озодихоҳонро кушт. Маликушшуаро Баҳор ба ин муносибат мустазоди маъруфи худро, ки бо ин сатрҳо сар мешавад:

Бо шаҳи Эрон зи озодӣ сухан гуфтан хатост,
кори Эрон бо худост,

дар рӯзномаи мутараққии „Хуросон" ба чоп расонид ва он дар саросари Эрон машҳур шуд.

Дар соли 1909, ки машрутахоҳон фатҳ карданд ва Муҳаммадалӣ-шоҳ аз салтанат маъзул шуд, дар Теҳрон, Хуросон ва бисьёр шаҳрҳои Эрон ҷашнҳо барпо шуд ва ашъор ва сурудҳои Баҳор дар он ҷашнҳои шодӣ хонда мешуданд ва шоири ҷавон дар миёни мардум шӯҳрати шоирии худро ба даст овард. Маликушшуаро Баҳор на танҳо бар зидди душманони дохилӣ меҷангид, балки бо нафрат ва хашми бисьёр бар зидди истилогарони хориҷӣ низ мубориза мекард.

Дар соли 1907, ки империализми англис ва Россияи подшоҳӣ Эронро ба ду минтақаи нуфузи худ тақсим карданд (қисми шимолии Эрон мутааллиқ ба Россияи подшоҳӣ шуд ва қисми ҷанубии он мутааллиқ ба Англия), Баҳор ба аломати эътироз қасидаи машҳури худ „Паём ба вазири хориҷии Англия"-ро суруд.

Шоир дар Хуросон зулму фишори казакҳои подшоҳиро аз наздик медид, дар ашъор ва мақолоту нутқҳои худ бар зидди царизм мубориза мекард. Он давра даврае буд, ки большевикҳои шарафманд ва инсондӯст бо раҳбарии Ленини бузург барои маҳви мутлақияти подшоҳӣ ва дар роҳи озодии тамоми меҳнаткашони рӯи замин мубориза мекарданд. Баҳор ин гурӯҳ русҳоро дар солҳои охири умраш шинохт ва дар бораи онҳо гуфтааст (айнан):

„Ман хубқалбтар ва мардумдӯсттар аз русҳо аҳаддеро надидаам ва ошкор мегӯям ки русҳо дар айни хушунати зоҳирӣ, ки ҳатто дар амал ҳам ин хушунатро ба рӯз медиҳанд, дар хушқалбӣ ва садоқату мардумдӯстӣ, ба шарте, ки аз дари ҳақиқат бо онҳо дароед, назир надоранд"[1]

Маликушшуаро таърихи дуньё ва таърихи фольклори Эронро

---

[1] Инқилоби машрутият—революцияи конституционӣ.

[2] Маликушшуаро Баҳор. Таърихи мухтасари эҳзоби сиёсии Эрон, Теҳрон соли 1324 шамсия.

хуб медонист, аз он ҷиҳат дар ашъори ӯ афсонаҳои қадимӣ ва ҳодисаҳои таърихӣ зиёд дида мешаванд. Бузургтарин асари таърихии ӯ дар шеър таркиббандест, қариб ду ҳазор байт, ки дар он таърихчаи мухтасари Эронро аз замони Каюмарс то қарни XX шарҳ медиҳад.

Таърихи манзум ё гӯшае аз таърих ба шакли шеър дар Эрон зиёд навишта шудааст, ки дурахшонтарини онҳо „Шоҳнома"-и Фирдавсии бузург аст. Навоварии Баҳор дар назми ривоятҳои таърихӣ дар ин аст, ки ӯ нишон медиҳад, ки подшоҳони золим ва ҷаҳонгир бо нанги абадӣ аз дунё рафтаанд ва баръакс онҳое, ки ба мардум наздик шудаанд ва барои мардум кор кардаанд, номашон дар хотири халқҳо ва дар таърих зинда мондааст. Ин асари Баҳор аз барҷастатарин осори шеърӣ дар адабиёти форсии асри ҳозира аст.

Фаъолияти журналистии Баҳор аз соли 1909 сар мешавад ва то соли 1943 дамом мекунад. Ӯ дар соли 1910 узви ҳизби „демократ" шуд, ки инқилобчии машҳур Ҳайдар Амуғли онро раҳбарӣ мекард. Дар ҳамон сол рӯзномаи „Навбаҳор"-ро интишор дод ва чун бо амри сафирҳои Англия ва Россия он рӯзнома баста шуд, Баҳор рӯзномаи „Тозабаҳор"-ро ташкил кард. Ин рӯзнома ҳам дам ба дам таъқиб карда мешуд ва Маликушшуаро бо нӯҳ нафар аъзоёни ҳизби „демократ" ба Теҳрон бадарға гардид.

Як сол баъд Баҳор аз бадарға бозгашт ва дар рӯзномаи „Навбаҳор" бар зидди хурофоти мазҳабӣ ва барои озодии занон мақолаҳое навишт, ки аз онҳо рӯҳониёни мутаассиб ба ғазаб омада шоирро ба кофирӣ айбдор карданд.

Дар соли 1914 Баҳор намояндаи давраи сейӯми маҷлиси шӯрои миллӣ (парламент) шуд ва ба Теҳрон кӯчид ва то охири умр дар он ҷо зиндагӣ кард (ба истисноии солҳое, ки ба шаҳрҳои дигар ҳабс ва бадарға мешуд).

* * *

Авзои сиёсӣ-иқтисодии Эрон дар солҳои ҷанги аввали ҷаҳонӣ бисьёр бад буд. Империалистҳои Россияи подшоҳӣ ва Англия аз як тараф, сармоядорони Германия, аз тарафи дигар, Эронро майдони тохту този худ қарор дода буданд.

Озодихоҳон ва равшанфикрони Эрон, ки аз натиҷаи инқилоби машрута норозӣ буданд, роҳҳои наве ҷустуҷӯ мекарданд, ки зиндагиашонро иваз кунад. Вале аксари ин роҳҳо бо сарнайзаи империалистҳои хориҷӣ ва иртиҷои дохилӣ баста шуда буд.

Маликушшуаро дар пешопеши табақаи равшанфикри инқилобии Эрон қадам мегузошт. Вале аксар вақт дучори бемуваффақиятӣ мешуд. Мутаассифона дар ин давра аксаран Баҳор дудилагӣ мекард ва гумроҳ мешуд.

Дар соли 1915 империалистҳои Россияи подшоҳӣ ва Англия мувофиқи шартномаи байни худ Эронро ба як кишвари мустамликаи худ табдил доданд ва Баҳор ба ин муносибат қасидаи „Хиёнат"-ро суруд.

Дар ҳамон сол хавфи он буд, ки қувваҳои ҳарбии подшоҳӣ Теҳронро истило кунанд, бинобар ин чанд нафар аз кормандони давлат, намояндагони парламент ва озодихоҳон ба Қум муҳоҷират карданд, (1915) ва маликушшуаро низ дар қатори онҳо буд. Дар байни роҳ дасташ шикаст ва Баҳор ба Теҳрон баргашт. Дар он ҷо мақолае ба номи „Душман ҳамла кард" навишт ва барои он ба Хуросон бадарға карда шуд.

Барои ин ки бо афкори онрӯзаи Баҳор бештар ошно шавем, бояд шеъри „Пешгӯӣ“-и ӯро бихонем:

Баҳоро, биҳил, то гиёҳе барояд,
Дурахше зи абри сиёҳе барояд.
Дар ин тирагӣ сабр кун шоми ғамро,
Ки аз домани Шарқ моҳе барояд.
Ба бедоди бадхоҳ имрӯз сар кун,
Ки рӯзи дигар додхоҳе барояд...

Вазъи Эрон ва ҷаҳон тавре шуда буд, ки ҳамаи башардӯстон дар интизори ҳодисаи наве буданд, ки зиндагии миллатҳоеро, ки дар оташи ҷангу фақру зулм месӯхтанд, иваз кунад. Революцияи Октябри Кабир он дурахше буд, ки абрҳои сиёҳи зиндагии заҳматкашонро шикофт ва он моҳе буд, ки аз домани Шарқ сар зад. Сарнагун шудани кохи зулми подшоҳӣ ва фирӯзии бузурги Революцияи Октябрь ҷунбиши фикрии нав дар ҷаҳон ба вуҷуд овард.

Ин революция ба Эрон низ таъсир кард. Қиёми шайх Муҳаммади Хиёбонӣ дар Озарбойҷон, исёни Муҳаммадтақихон дар Хуросон, ҷунбиши Кӯчакхон дар Гелон ва дигар ҷунбишҳои озодихоҳонаи миллӣ дар Эрон инъикоси ин таъсири Революцияи Октябрь буд. Ин революция ба адабиёти форсӣ низ асар кард. Орифи Қазвинӣ ва Ишқӣ, ки ҳар ду шоири мутараққӣ ва инқилобӣ буданд, дар солҳои 20-ум Ленинро дар ашъори худ таърифу тавсиф карданд.

Маликушшуаро Баҳор дар он замон дар яке аз баромадҳои худ дар бораи Ленин гуфт: „Ду душман аз ду сӯ ресмон ба гулӯи касе андохтанд, ки ӯро хафа кунанд. Ҳар кадом як сари ресмонро гирифта мекашиданд ва он бадбахт дар миёна тақалло мекард. Он гоҳ дасти наҷотбахше пайдо шуду яке аз он ду сари ресмонро раҳо кард ва гуфт: эй бечора, ман бо ту бародарам ва марди бадбахт наҷот ёфт. Он мард, ки ресмони гулӯи моро раҳо кард, Ленин аст.“

Баҳор дар соли 1917 дар қасидаи „Марги тизор[1]“ аз Революцияи Октябрь ёдоварӣ мекунад, вале ба хубӣ пайдост, ки шоир бо сабабҳои объективии революция ва бо характери таърихии диктатураи пролетариат ошноӣ надорад.

Фаъолияти шеърии Баҳор дар ин давра монанди давраҳои пеш аз ин пурҷӯшу хурӯш нест. Умуман, дар солҳои 1914—1920 шеър дар Эрон чандон равнақе надошт. Бештарини шоирон аз эҷодиёти мустақилона даст кашида, ба тақлиду мушоираҳо машғул мешуданд.

Хизмати Баҳор дар ин давра ташкили анҷумани адабии „Донишкада“ аст, ки баъдҳо ин анҷуман бо номи „Донишкада“ (дар соли 1918) журнале нашр кард, ки он аз як сол бештар давом накарда, баста шуд, вале таъсираш дар адабиёти Эрон зиёд буд ва Баҳор назарияҳои материалистии худро доир ба адабиёт ба шакли мақолаҳои адабӣ шарҳ дод.

Чанде аз шоирон ва нависандагони мутараққии Эрон монанди Эраҷ Мирзо, Рашиди Ёсамӣ, Саид Нафисӣ, Аббос Иқбол, Оштиёнӣ Зарра ва дигарон осори худро дар журнали „Донишкада“ ба чоп мерасонанд. Журнали „Донишкада“ барои шеъру адабиёти нави форсӣ заминае ҳозир кард.

Баҳор дар давраҳои чорум, панҷум ва шашуми маҷлиси миллии Эрон, ки дар ин давраҳо Ризошоҳи Паҳлавӣ ба сари ҳокимият омада буд, узви маҷлиси шӯрои миллӣ ҳисоб меёфт.

---

[1] Тизор (царь)—подшоҳи Россия.

* * *

Дар соли 1921 дар зиндагии сиёсии мардуми Эрон ду ҳодисаи муҳимме рӯй дод: 1) Баста шудани шартномаи байни СССР ва Эрон, ки дар натиҷаи он давлати Советӣ бо роҳбарии Ленини бузург занҷири зулму бедодгарии Россияи подшоҳиро аз дасту пои мардуми Эрон боз кард. Метавон гуфт, шартномаи соли 1921 оинае буд, ки мардуми Эрон тавонистанд фирӯзиҳои Революцияи Октябрь ва ҳақиқати ҳукумати заҳматкашонро дар он оина тамошо кунанд. 2) Табаддулоти соли 1921-ӯм, ки сабабгорони он Саидзиёуддин ва сардори сипоҳ—Ризошоҳ буданд. Пас аз шикасти ҳукумати подшоҳӣ империализми англис, ки дар Эрон бераҳиб монда буд, шартномаи нангини соли 1919-ро баст, ки аз рӯи он мебоист иқтисод ва тартиботи Эрон ба зери назорати Англия гирифта мешуд. Азбаски мардуми Эрон бар зидди ин шартнома сахт мухолифат карданд, давлати Англия дар соли 1921 фитнаи „ҷумҳурӣ"-ро барпо кард, ки гӯё Саидзиёуддин ва сардори сипоҳ мехоҳанд Эронро ҷумҳурӣ кунанд. Гурӯҳе аз равшанфикрон, ки Баҳор низ ҷузъи онҳо буд, аввал тарафдори ҷумҳурӣ шуданд, вале вақте ки чӣ будани „ҷумҳурӣ" фош шуд, ҳама бо он мухолифат карданд. Баҳор дар давраи пайҷӯми маҷлиси шӯрои миллӣ ба сардори сипоҳ Ризошоҳ мухолиф баромад, ки дар натиҷа тарафдорони Ризошоҳ хостанд ӯро бикушанд, вале ба ҷои Баҳор Воизи Қазвиниро куштанд. Баҳор ҳам аз минбари маҷлис ва ҳам аз рӯзномаҳои ақаллият истифода мекард. Чунончи, худи ӯ менависад: „Идораи тамоми ҷароиди ақаллияти он рӯз ва навиштани шабе ҳафт сармақола, илова бар мақолоти фаннӣ ва адабӣ барои маҷаллот ба наср ва шеър ва мубориза и доимӣ шуғли ман буд".

Мутаассифона, ин мубориза ҳо ба натиҷае нарасиданд ва Баҳор се моҳ гирифтори зиндон шуд ва пас аз он ба шаҳри Буҷнурд бадарға гардид. Қасидаи „Ҳаяҷони рӯҳ", ки соли 1921 дар бадарғагӣ гуфтааст, моро бо рӯҳи озодидаи Баҳор ошно мекунад:

Эй хома, дуто шав, в-эй хат, магзар!
В-эй нома дижам шав, в-аз хам бардар!
Эй еирӯи мардумӣ, бубар хорӣ,
В-эй куввати ростӣ, бикаш кайфар!
Эй гурсна, ҷон бидеҳ ба пеши нон!
В-эй ташна, бимир пеши обашхвар!
Эй орзӯи дарози беҳрӯзӣ,
Кӯтаҳ гаштӣ, ҳанӯз кӯтаҳтар!

Баҳор пас аз чанде ба Теҳрон бозгашт ва ду сол як газетаи нимрасмии Эронро идора мекард. Дар давраи шашӯми маҷлиси шӯро низ аз Теҳрон интихоб шуд ва пас аз он аз кори сиёсат канора гирифт. Худи ӯ менависад: „Ҳаёти сиёсии ман, ки ба хилофи рӯҳи шоирона ва накизи олоти табиӣ ва шахсияти воқеии ман буд, поён ёфт".

Баҳор аз сиёсат дурӣ меҷуст, вале натавонист аз зиндагии пурғаму кулфати мардуми худ дур бошад. Ӯ аз зулму террори ҳукумати мустабиддона мудом шикоят мекард ва бо камоли бесабрӣ дар ҷустуҷӯи қуввае буд, ки буньёди зулмро барафканад. Ӯ ба кӯҳи Дамованд хитоб карда мегуфт:

Аз оташи оҳи халқи мазлум,
В-аз шӯълаи кайфари худованд,
Бифкан зи пай ин асоси тазвир,
Бигсил зи ҳам ин нажоду пайванд!
Баркан зи пай ин бино, ки бояд
Аз реша бинои зулм барканд!

Якчанд моҳ пеш аз ин, то вақти чоп шудани девони маликушшуаро Баҳор дар Эрон касе гуфта наметавонист, ки ин шоири оташқалам харобӣ, фасод ва зулми ҳукуматдорони он замонро то чӣ андоза сахт ва ҳаматарафа танқид кардааст. Вале ҳоло аз рӯи китобаш мо ин фаъолияти ҷасуронаи ӯро ба хубӣ дида метавонем.

Инак, якчанд намуна:

Душмани Эрон ба як қарор бувад сер,
Миллати Эрон ба як қарор гурусна.
Серон муставҷиби инояти шоҳанд,
Лекин муставҷиби фишор—гурусна...

Шоир аз забони ин гуруснагон мегӯяд:

Зи дард нола намудем, ноямон бифушурд,
Ба аҷз нома навиштем, номамон бидарид,
Ба эътироз гузаштем, арза кард ба қахр,
Даруни хона нишастем, хонамон кӯбид.

Ё ки дар бораи пойтахти Эрон мегӯяд:

Ҳама ё золиманд ё мазлум,
Нест ҳадди васат дар ин сомон.
Биллаҳ, ар чашматон шавад пурашк,
Мекунед аз аёли худ пинҳон,
Ки мабодо тавассути кулфат
Шавад он гирья назди шаҳна аён.

Баҳор дар даврае, ки хатари марг ҳар лаҳза таҳдидаш мекард, ҳақиқатро ошкоро мегуфт. Ӯ наметавонист сокит бошад, зеро медид, ки Ризошоҳ

Ҳаром сохта бар халқ зиндагию ба хеш
Ҳалол дошта молу мубоҳ сохта хун.
Агар ба зиндон халқи писар буранд ба теғ,
Ба таъзият набувад модару падар маъзун.
В-агар бихоҳад наъши писар зи зиндонбон,
Падар ба зиндон гардад бад-ин гунаҳ масҷун.

Баҳор бо „гуноҳи“ ин эътирозоташ дар соли 1930 маҳбус шуд. Ӯ дар қасидаи „Ғазаби шоҳ“ ва чанд шеъри дигараш гардонандагони чархҳои диктатураи истибдодро маҳкум сохт.

Баҳор пас аз чанде аз зиндон баромад, вале аз ҷиҳати иқтисодӣ басе азоб кашид. Хост ба Ҳиндустон муҳоҷират кунад, иҷозаташ надоданд. Ночор барои маишати хонавода ва тарбияти шаш фарзандаш қарор дод, ки девони шеърҳои худро чоп кунонад (солҳои 1932—1935), лекин ин ҳам муяссараш нашуд. Зеро вақте ки 208 саҳифаи девон чоп шуда буд, ногоҳ цензори ҳокими шаҳр тамоми варақҳои чопшударо забт карду Баҳорро боз ба муддати панҷ моҳ ба зиндон андохт. Пас аз ин ҳабс шоир муддати як сол ба Исфаҳон бадарға карда шуд. Вай сабаби бадарғашавии худро дар он донист, ки бо Шӯъла ном коммунисте ошноӣ дошт.

Нишони шиква будиву ба ҳабс афтодӣ,
Кас ар кашидӣ боре яке баланд нафас.
Яке асир, ки гуфт: „Эй аҷал“, наҷотам деҳ,
Яке ба банд, ки гуфт: „Эй худо“, ба додам рас!
Яке ба Эрон бозомада зи кишвари рус,
Яке аз Эрон карда гузар ба рӯди Арас.

Ба ҳашт сол аз ин пеш Шӯъла номе, дод
Ба ман салому додам саломи ӯ вопас.
Ба солҳо пас аз он Шӯъла иштирокӣ шуд,
В-аз ӯ ба чанд рафиқи ҷавон фитод қабас[1].
Бад-ин гуноҳ шудам панҷ моҳ зиндонӣ,
Сипас ба шаҳри Сифоҳон фитодам аз маҳбас.

Зиндагии Баҳор дар Исфаҳон беҳуда нагузашт, ӯ дар як сол қариб шаш ҳазор байт шеър гуфт, ки аксари онҳо танқидӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. „Корномаи зиндон“ аз осори ин давра аст.

Баҳор дар зери таҳдиди сарнайзаи полиция кирдорҳои зишти ҳокимони ризошоҳиро беамон фош ва мазаммат мекард.

Гар китобе оварад аз хона бахрам ходиме,
Рӯи мизи мири маҳбас рӯзҳо меҳмон бувад.
Ҷузв-ҷузвашро муфаттиш бозбинад, то мабод,
К-андар он ҷо нардбону найзаҳо пинҳон бувад.
В-ар хуриш орад зи бахрам ло ба лояш ворасанд,
То магар худ номае дар ҷавфи бодинҷон бувад.
Чист ҷурмаш?
—Карда ҷанде пеш аз озодӣ ҳадис,
То абад з-ин ҷурм матруди дари султон бувад.

Дар соли 1934 ҳангоми гузаронидани ҷашни 1000-солагии Фирдавсӣ, Баҳор бо кӯмаки сарвазири онвақтаи Эрон Муҳаммадалии Фурӯғӣ, ки худ марди адиб ва нависанда буд, ба Теҳрон бозгашт ва аз он пас ба вазифаи муаллими адабиёти форсӣ дар донишкадаи адабиёт ва таълими сабкшиносии адабиёти форсӣ машғул шуд. Баҳор дар ин соҳа бо ҷону дил хизмат мекард. Доктор Парвез Хонларӣ, доктор Маҳдӣ Ҳамидӣ ва доктор Хативӣ, ки аз шоирон ва нависандагони машҳури имрӯзаи Эронанд, аз ҷумлаи шогирдони Баҳор мебошанд.

Дар давраи истибдод ҳар гуна садои ҳақ ва эътироз бераҳмона хомӯш карда мешуд ва арзандатарин фарзандони мардуми Эрон дар ҳабсхонаҳо ва бадарғагоҳҳо азобу укубат мекашиданд. Бо дасти амалдорони шоҳ ба тарзи фоҷиавӣ кушта шудани доктор Аронӣ, Фаррухӣ, Яздӣ ва Ишқиро миллати Эрон ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.

Баҳор дар марсияе, ки барои дӯсти худ Ишқӣ сурудааст, котилони ӯро „девҳои хирасар“ меномад. Ин шеър шеъри машҳури Лермонтовро, ки ба мотами Пушкин сурудааст, ба ёди мо меоварад.

Баҳор танҳо бо танқид кардани ҳаробиҳо ва зулм қаноат намекард, балки бо онҳо меҷангид ва мардумро ба мубориза даъват мекард. Садои хушоҳанги ин даъвати олӣ аз сатрҳои шеъри „Шабоҳанг“ ба гӯши мо мерасад:

Он сияҳлахза, ки аз гурснагӣ
Рухи атфоли ватан гардад зард.
Сабзхаттону ҷавонон ҳамагӣ
Байрақи фатҳ ба каф баҳри набард.
Ту ҳам, эй пури[2] дилозурдаи ман,
Андар он рӯз ба ёд ор ин дарс.
Пой неҳ пешу ба тан пӯш кафан,
Сари ғавғо шаву аз марг матарс!

---

[1] Қабас—рӯшноӣ.
[2] Пур—писар.

Оре, бист сол пас аз сурудани ин шеър, яъне соли 1901 писари барӯманди Баҳор—Меҳрдод Баҳор даъвати падарашро пазируфта, дар митинги тарафдорони сулҳ „сари ғавғо“ шуд ва аз марг натарсид ва дар натиҷаи ин ҷасораташ аз тири душманони мардуми Эрон захмдор гардид.

Баҳор, ки дар давраи диктатураи бистсолаи шоҳ аз корҳои сиёсӣ озод буд, ба такмили маълумоти худ пардохта, осори илмӣ ва адабии гаронбаҳое ба ёдгор гузошт.

Баҳор як давраи комили бостоншиносӣ ва забонҳои форси қадим ва паҳлавиро назди профессор Херцфельди олмонӣ (1879–1948) дар муддати бештар аз се сол омӯхт ва осори зиёде аз паҳлавӣ ба форсӣ тарҷима кард, аз он ҷумла, „Ёдгори Зарирон“, „Дарахти осурик“ ва ғайраро аз забони паҳлавӣ аввал ба насри форсӣ тарҷима карда ва баъд онро ба назм даровардааст.

Осори дигари илмӣ ва таҳқиқии Баҳор аз инҳо иборат аст. „Рисола дар аҳволи Монӣ“, „Рисола дар шарҳи ҳоли Фирдавсӣ“, тасҳеҳ ва таҳшияи китобҳои „Муҷмал-ут-таворих валқисас“, „Таърихи Сиистон“, „Ҷомеъ-ул-ҳикоёти Авфӣ“, „Таърихи Балъамӣ“ ва ҳамчунин таълифи романи „Найранги сиёҳ ё канизони сафед“. Ғайр аз ин боз якчанд китоби дарсӣ, мақолот ва рисолаҳои фаровони илмӣ ва адабӣ таълиф кардааст.

Баҳор бо таълифи се ҷилд китоби „Сабкшиносӣ“ ба адабиёти форс хизмати хеле бузург кардааст. Дар ҷилди аввал муаллиф маълумоти муфассале роҷеъ ба забонҳо, хатҳо ва насри Эрони қабл аз Ислом медиҳад, дар ҷилдҳои дуйӯм ва саввӯм таърихи инкишофи насри форсиро аз асри даҳӯм то имрӯз ба таври дақиқ шарҳ медиҳад. Ҷилди чорӯми „Сабкшиносӣ“ дар бораи инкишофи назми форсӣ аз қарни даҳӯм ба ин тараф аст, ки Баҳор то охири умри худ ба навиштани он машғул буд ва оқибат онро ба охир расонда натавонист.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки маликушшуаро Баҳор дар давраи истибдоди бистсола қисмати умдаи осори шеърӣ ва таълифоти илмӣ ва таҳқиқии худро ба вуҷуд овард ва шояд мехост ба ин тариқ ҷои он зарарҳоеро, ки дар ин давр ба мардуми Эрон расида буд, пур кунад.

* * *

Дар таърихи 25-ӯми августи соли 1941 қӯшунҳои советӣ барои пеш кардани фашистҳои Германия аз Эрон, вориди Эрон шуданд. Дар ҳамон таърих қӯшунҳои англис низ аз ҷануб дохили Эрон гардиданд. 16-ӯми сентябри соли 1941 шоҳ аз салтанат истеъфо дод ва бо хатми даврони бистсолаи диктатурӣ хизматгорони ҳақиқии мардум, ки солҳо дар зиндонҳо ва бадарғаҳо умр ба сар мебурданд, озод шуданд. Матбуоти демократӣ барои муддати кӯтоҳе ҳам бошад, тавонистанд бо озодии баён хоҳиш ва орзӯҳои мардумро дар саҳифаҳои худ инъикос намоянд.

Дар моҳи октябри соли 1941 „Ҳизби тӯдаи Эрон“ ташкил шуд ва коргарон ва дигар табақоти заҳматкаши эрониро барои мубориза бар зидди империализми хориҷӣ ва иртиҷои дохилӣ муташаккил сохт. Ҳаракатҳои озодихоҳии миллӣ дар саросари Эрон авҷ гирифт ва адабиёт, ки вобастагии мустақим бо зиндагии иҷтимоӣ дорад, низ тараққӣ кард. Мавзӯъҳои рангоранг ва нав ба нав вориди шеъри форсӣ шуд. Шоирон ба мардум наздик шуданд ва ба забони мардум ва барои мардум шеър гуфтанд. Ашъори шоири боистеъдоди ҳаҷвнавис—Муҳаммадалии Афрошта дар ин давра дар байни тӯдаҳои мардум шӯҳрати хосе пайдо кард.

Маликушшуаро Баҳор дар ин давра беш аз ҳама ба масъалаҳои фалсафии ҳаёт машғул шуда, зиндагии гузаштаи худро бо диққат аз назар мегузаронад:

Дареғо, муддате к-андар сиёсат
Зи нодонӣ рахи шайтон гирифтам,
Зи соли бист то наздикии шаст
Ҷавонӣ додаму хирмон гирифтам.

Ӯ аз зиндагии гузашта безор шуда ва сайъ мекунад як роҳи равшан ва тозае барои худ интихоб намояд:

Биё, то ҷаҳонро ба хам барзанем,
Бад-ин хору хас оташ андарзанем!
Аз ин тарзи беҳуда як сӯ шавем,
Ба оини нав нақши дигар занем!

Маликушшуаро Баҳор дар замони ҷанги дуйӯми ҷаҳонӣ боз рӯзномаи „Навбаҳор“-ро интишор дода ва дар он як силсила мақолоти сиёсӣ ва иҷтимоии судманд навишт.

„Таърихи мухтасари аҳзоби сиёсии Эрон“ низ аз таълифоти ин давраи Баҳор мебошад.

Баҳор дар ин давра муборизаи дерини худро ба муқобили империализм идома медиҳад ва ниҳоят акнун душманони ӯ монанди давраҳои пеш мустамликадорони русу англис нестанд, балки империалистҳои Англияю Америка мебошанд.

Баҳор аз соли 1943, ки Анҷумани алоқаҳои маданииЭрон бо Иттиҳоди Советӣ таъсис шуд, яке аз аъзоёни фаъоли он анҷуман буд. Дар соли 1946 раёсати нахустин Конгресси нависандагони Эронро ба ӯҳда гирифт (дар ин конгресс рафиқон Сурков, В. Инбер ва Додошзода низ иштирок доштанд).

Баҳор дар соли 1945 дар ҳайати намояндагии Эрон барои иштирок кардан дар ҷашни 25-солагии Республикаи Советии Озарбойҷон ба Боку рафт ва дар достони „Ҳадьяи Боку“ фирӯзиҳои бузурги кишвари социалистии советиро ҳарҷониба тасвир кард.

Баҳор пас аз бозгашт аз Боку суханрониҳо ва мақолаҳое дорад, ки пур аз рӯҳи некбинӣ ва эҳтиром нисбат ба Мамлакати Советӣ аст.

„Мо бояд бо ин ҳамсоя ва ин давлати азим, ки нажодҳои мухталифро бо як қонуни ба ҳама баробар ба якдигар муттаҳид карда ва онҳоро ба пешрафтҳои калон ноил кардааст, ошно бошем, дӯст бошем ва якдигарро ба хубӣ бишиносем“ .

Ӯ дар бораи Ленин чунин мегӯяд:

„Ленин, ки ҳаққан таърих вайро бо лақаби Бузург сутудааст, яке аз мардони бузурги ҷаҳонист, ки ба нудрат дар дунёе пайдо шуда, масдари корҳои бузурге гашта, ҳатти сайри таърихи башариро бо ҳаракат ва иродаи хеш тағьир медиҳанд... Назарияи инқилобии марксизм-ленинизм метавонад бо зиндагии тӯдаҳои башарӣ мутобиқат карда ва як қувваи муфид ва ҳақиқӣ бошад“.

Маликушшуаро Баҳор дар давраи понздаҳӯми маҷлиси шӯрои миллӣ аз тарафи „Ҳизби демократи Эрон“ ба намояндагӣ интихоб шуд. Дар соли 1946 дар ҳукумати Қавомуссалтана вазири маориф шуд, вале баъдтар аз вазорат истеъфо дод.

---

[1] „Ёддоштҳои мусофирати ман“. Маликушшуаро Баҳор, журнали „Паёми нав“, № 7, с. 1944.

Баҳор дар соли 1947 барои муоличаи маризи сил, ки бино ба гуфтаи писари ӯ—Меҳрдод Баҳор, ёдгори зиндони давраи диктатурӣ буд, ба Швейцария рафт ва дар он ҷо чандин қасида гуфт. Пас аз як сол ӯ ба Эрон бозгашт ва барои хизмат дар роҳи сулҳ омода шуд.

* * *

„Бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки дар таърихи сад соли охирӣ кишвари мо ҳеҷ воқеае, ҳатто инқилоби машрута ҳам, монанди ҳаракати сулҳ таваҷҷӯҳи миллати Эрон, аз он ҷумла ҳунармандони кишвари моро ба худ ҷалб накардааст"[1].

Ҳаракати сулҳҷӯён, ки дар байни табақоти мухталифи мардуми Эрон ба вуҷуд омад, бо муборизаи зидди империализми Англияю Америка омехта шуд ва бо ҳаракати сулҳхоҳонаи тамоми мардуми ҷаҳон пайваста шуд. Метавон гуфт, ки ҳеҷ гоҳ муборизаи мардуми Эрон то ин андоза характери инсондӯстӣ ва интернационалистӣ нагирифта буд.

Ҷамъияти тарафдорони сулҳ дар Эрон дар моҳи июли соли 1950 бо сардории маликушшуаро Баҳор ташкил ёфт. Даҳҳо шоиру нависандагон, садҳо табибу омӯзгору устодони донишгоҳҳо ва садҳо ҳазор коргару деҳқон, рӯҳонию савдогарон ба пайравии шоири бузурги худ барои ҳифзи сулҳ омода шуданд (дар моҳи ноябри с. 1951 шумораи касоне, ки дар Эрон дар зери даъватномаи Стокгольм имзо карданд, ба 1 миллиону 958 ҳазор кас расид).

Маликушшуаро дар поёни умри худ ба қувваи бузурги халқ аз сидқи дил бовар кард ва ба ояндаи он умед баст. „Офтоби умри ман бар лаби бом аст. Он чи маро то кунун зинда нигаҳ дошта, умед ба ояндаи пурифтихору босаодатест, ки ватани мо ва ҳамватанони ман хоҳанд дошт. Гузаштаи мо сарду торик ва маъюскунанда буд, вале ояндаи шумо гарму дурахшон ва умедбахш аст. Ман чи набошам, чи бимонаму чи биравам, оянда аз шумо ва барои шумо ва дар интизори шумост. Шумо бояд зинда бимонед ва хуб зиндагӣ кунед. Зиндагии бидуни тарсу нигаронӣ, бегуруснагию беморӣ, фориғ аз зулму зӯрӣ ва эмин аз навмедию нокомӣ[2].

Маликушшуаро Баҳор монанди як дӯстдори ҳақиқии илм ва тамаддуни башарӣ эътиқод дошт, ки „илм аз иҷтимоъ ҷудо нест" ва барои ҳифзи илму маданияти инсоният ба шогирдони худ дар донишгоҳ мегуфт: „Шумо мазҳари фарҳанги ояндаи мо ҳастед. Ҷанг осори маданияти ҷаҳонро ба нобудӣ мекашад. Шумо вазифадоред, ки аз фарҳанг посдорӣ кунед"[3].

Баҳор медонист, ки дар воқеаҳои ҷаҳонӣ бетараф мондан мумкин нест. Вақте шунид, ки дар донишгоҳ байни тарафдорони сулҳ ва полиция задухӯрд шуда, писараш Меҳрдод Баҳор ҳам ба ҳамлаи полиция дучор гардидааст, ӯро табрик кард ва ба ёдаш овард, ки „мубориза бехатар нест"[4].

Шакке нест, ки душманони Баҳор—душманони сулҳ ва зиндагӣ ором наменишастанд. Онҳо илова бар ин ки ҳар рӯз сулҳҷӯёни Эронро ҳабс ва бадарға мекарданд, дар ахбороти радиои худ низ ба ҷамъияти тарафдорони сулҳ тӯҳматҳо мезаданд.

---

[1] Журнали „Кабӯтари сулҳ", № 21, 22, с. 1952, саҳ. 5—6.

[2] Паёми маликушшуаро ба иштироккунандагони митинги сулҳ. Рӯзномаи „Маслиҳат", № 22, с. 1951.

[3] Паёми Баҳор ба донишҷӯёни донишгоҳи Теҳрон. Рӯзномаи „Маслиҳат", № 216, с. 1952.

[4] Рӯзномаи „Маслиҳат", № 216, с. 1952.

Баҳор ин тӯҳматҳоро мешунавид ва бо матонат мегуфт, ки „ин тӯҳматҳо моро аз роҳе, ки бо сари пирӣ интихоб кардаем боз нахоҳанд дошт. Чӣ ифтихоре бузургтар аз ин, ки бақияи умри каму беши худро дар роҳи ҷилавгирӣ аз инҳидоми ҷаҳон ва ҷаҳониён масруф хоҳам дошт“[1].

Душманони сулҳ шоири солхӯрдаро, ки дар оташи таб месӯхт, дучори тангдастӣ ва мӯҳтоҷӣ карданд. Меҳрдод Баҳор бо хашму ранҷиши фавкулъолда мегӯяд: „Онон, ки аз раҳбарии падарам бар ҷамъияти сулҳ воҳима доштанд, гӯё мехостанд зудтар шарри ӯро кам кунанд, ё ин ки дар таҳти фишори молӣ ӯро водор ба истеъфо намоянд. Аммо роҳе, ки падарам интихоб карда буд, роҳи муздурии кироя набуд, роҳи сулҳу озодии миллат буд“[2].

Маликушшуаро Баҳор мувофики пешниҳоди дуюмин Конгресси сулҳи ҷаҳонӣ ба узви шӯрои олии сулҳи ҷаҳонӣ интихоб шуд.

Баҳор дар солҳои охири умраш осори классикҳои марксизм-ленинизмро бо диккат ва дилбастагии махсусе мутолиа мекард ва дар бораи роҳе, ки бояд халки Эрон интихоб кунад, ҳамеша бо дигарон сӯҳбат мекард. Ӯ мӯътакид буд, ки бояд халқи Эрон низ роҳи халқҳои озодшударо бипаймояд.

Маликушшуаро эҳсосоти олии сулҳхоҳонаи худро ба шакли қасидаи машҳури „Ҷуғзи ҷанг“ даровarда, нисори мардуми Эрон кард ва бо ин шоҳкори санъат дафтари панҷоҳ соли шоирии худро пӯшонд. Мо дар сатрҳои ин асар мебинем, ки ҷуғзи ҷанг дар пеши пои кабӯтари сулҳ ҷон месупорад.

Баҳор дар охирин рӯзҳои зиндагӣ, ба табдорӣ ва ранҷурии худ нигоҳ накарда, мегуфт: „Ба хотири сулҳ алам (байрак) ба дӯш хоҳам гирифт ва дар кӯчаҳою хиёбонҳо ба роҳ хоҳам афтод“[3].

Вай аз бистари беморӣ паёмҳои пуршӯру фаромӯш нашудании худро ба сулҳдӯстони ҷаҳон мефиристод:

— Дӯстони азиз, умеди ман рӯз ба рӯз кувват мегирад, ки пирӯзӣ ҳама ҷо бо мост. Агар ҳам ман набошам, шумо дар пирӯзии ниҳонии сулҳ бар ҷанг ҷашн бигиред“[4]. Ва дар ҳоле, ки замзама мекард:

> Баҳори табъи ман шукуфта шуд чун ман,
> Мадеҳи сулҳ гуфтаму санои ӯ[5]

бо оромиши хотир ва бо як лабханди пурмаъноi файласуфона дар таърихи 21 апрели соли 1951 ба хоби абад фурӯ рафт.

Баҳор ба Пушкин хитобан мегуяд:

> Наёфт умри ту бо рӯзи мурданат поён,
> Кунун бувад саду панҷоҳ солат, эй Пушкин![6]

Шакке нест, ки умри худи Баҳор низ бо таърихи маргаш поён наёфт. Маликушшуаро аз рӯи тасдиқи аксарияти адабиётшиносон ва шоирони муосираш бузургтарин шоири чандин асри охири Эрон аст ва шубҳае нест, ки „Баҳор, кори Баҳор ва гуфтори Баҳор аз ин пас дар таърихи адабиёти Эрон ҷои хосе хоҳад дошт“[7].

---

1 Рӯзномаи „Маслиҳат“, № 216, с. 1952.
2 Меҳрдод Баҳор, журнали „Ковиён“, № 24, с. 1951.
3 Рӯзномаи „Маслиҳат“. № 78.
4 Паёми Баҳор ба нахустин маҷмӯи умумии тарафдорони сулҳ. Рӯзномаи „Раҳо“, № 255. с. 1951.
5 Девони Баҳор, сах. 734.
6 Саид Нафисӣ, журнали „Ковиён“ № 24, с. 1951.